# ХУЛОСАИ

**Комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа, 6D020600 - Диншиносӣ, 6D020400 – Фарҳангшиносӣ пешниҳод шудааст.**

Комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Нуриддин Саид (ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа), раиси комиссия;

– доктори илмҳои фалсафа, профессор Содиқӣ Насиба (ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа), аъзо;

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Назариев Рамазон (ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо.

Аъзои комиссияи ташхис диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпурро дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» таҳлилу баррасӣ намуда, таъкид карданд, ки масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино мавқеи намоён дошта, он дар асоси таъсири фалсафаи Машшоия, бахусус Арасту, ташаккул ёфтааст ва дар замони муосир дар таҳқиқи натурфалсафаи Ибни Сино саҳми арзандаи диссертант маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур ба омӯзиши проблемаи мушаххаси натурфалсафаи Ибни Сино – дар бораи ҳаракат, фазо ва вақт бахшида шуда, дар он нуқтаҳои муҳимми таълимоти иң мутафаккир оиди хосиятҳои ҳастӣ дар асоси осори худи ӯ ва асарҳои таҳқиқотии олимони муосир, аз ҷумла муҳаққиқони хориҷию ватанӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Ҳамчунин дар диссертатсия таълимоти Ибни Сино оиди табиат, материя, ҳаракат, оромӣ, фазо, вақт ва дигар хосиятҳои ҳастӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, таъсири ин масоил ба густариши назарияҳои пайравони баъдии мактаби машшоия, аз ҷумла, Насриддини Тӯсӣ нишон дода шудааст. Диссертант вобаста ба онҳо хулосаҳои илман асоснок ва ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ баровардааст.

Аҳамияти тадқиқоти диссертатсия ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки сарфи назар аз пешрафти андешаҳои муосири илм дар фалсафаи ҷаҳонӣ, осори мутафаккирони баландпояе аз қабили Арасту ва Ибни Сино ҳамчун ҷавҳари ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишмандон ва муҳаққиқони фалсафаи муосир хизмат мекунанд. Ба андешаи диссертант, ҳар як насли нав бо тақозои давру замонҳои худ ба мероси гаронмояи мутафаккирони гузашта, алалхусус ба фалсафаи Арасту ва Ибни Сино мурочиат менамояд ва чизеро дармеёбад, ки дигарон онро пайхаст накардаанд. Маҳз ҳамин нуктаҳоро ӯ ба ҳайси исботи мубрамияти мавзуъи рисолааш нишон додааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он аст, ки омӯзиши афкори Ибни Сино дар бораи ҳаракат, вақт ва фазо ба сифати мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ бори аввал интихоб шуда, масъалаи ҳаракат, оромӣ, фазо ва вақт ҳамчун меҳвари асосии баҳсу мунозираҳои ғоявии мутафаккирони чӣ асримиёнагии исломӣ ва чӣ муосири тоҷик муфассал тадқиқ гардидааст; ҳаракат, фазо ва вақт, масъалаи робитаҳои байниҳамдигарии онҳо дар осори Ибни Сино таҳлил гардида, умумият, шабоҳат, тафовут ва таъсири андешаҳои ӯ дар инкишофи минбаъдаи фалсафаи Шарқ нишон дода шудаанд;

Мавод ва хулосаҳои умумии тадқиқот, ки дар рафти омӯзиши проблемаи ҳаракат, фазо ва вақт дар осори Арасту ва Ибни Сино ба даст омадаанд, ба фаҳмиши нави онҳо дар партави пешрафтҳои муосири илми табиатшиносии

муосир мусоидат карда, аҳамияти онҳоро комилан инъикос менамояд. Бояд зикр кард, ки дар ин маврид таҳлилу андешаронихо, устувории мантиқи баёни муҳаққиқ шоёни таҳсин аст. Тадқиқот дар васеътар шудани фаҳмишҳои проблемаҳои фалсафӣ, махсусан дар самти шинохти амиқтар ва беҳтари проблемаҳои ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти Ибн Сино ва дар муқоиса бо мутафаккирони дигар мусоидат намуда, дорои аҳамияти баланди илмӣ -назариявӣ мебошанд.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои рисолаи диссертатсиониро метавон дар омӯзишҳои соҳаи онтологӣ ва гносеологӣ, фалсафӣ, аз ҷумла, проблемаҳои онтологӣ дар самти омӯзиши машшоияи шарқӣ ва ғарбӣ, махсусан дар курсҳои махсуси фалсафӣ истифода бурд.

Дар диссертатсия **навгониҳои зерин** ба назар мерасанд:

- омӯзиши масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар афкор ва осори Ибни Сино ва умумияту фарқияти таълимоти ӯ аз таълимоти дигар намояндагони мактаби машшоъ махсусан Арасту дар доираи тадқиқоти махсуси илмӣ бори аввал ба иҷро расидааст;

- шарҳу тавзеҳи табиат ҳамчун мабдаи мавҷудоти зинда ва унсурҳо, аз як тараф ва Кайҳон ҳамчун мабдаи кулл ҷаззоб ва дақиқ дода шудааст;

- категорияҳои асосии таълимоти фалсафии Арасту ва Ибн Сино дар вобастагӣ ба ин масъалаҳо ошкор, муқоиса, таҳлил ва шарҳ ёфтаанд;

- мавқеи Ибни Сино дар шарҳу тавзеҳи истилоҳоти марказии баҳс - ҳаракат, оромӣ, фазо ва вақт мушаххас гардонида шудааст;

Бо матни рисолаи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» шинос шуда, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки диссертант ҳаддалимкон кӯшиш намудааст, ки назарияҳои фалсафии Ибни Синоро доир ба ҳаракат,

фазо ва вақт муфассал таҳлил намуда, ҳамчунин хосиятҳои дигари ҳастиро низ баррасӣ намуда, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии асоснок пешниҳод намояд.

Ҳайати комиссия бо диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» шинос шуда ба чунин хулоса омад:

- диссертатсия ба талаботи илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи таърихи фалсафа ҷавобгӯ буда, масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино дар сатҳи зарурӣ таҳлил ёфтааст ва он ба ихтиссоси 09.00.03.-таърихи фалсафа мувофиқат мекунад;

- мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар 4 мақолаи илмии ӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудаанд.

Аҳаммияти таҳқиқ, тозагиҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, Комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзуи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» таҳккиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои фалсафӣ аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба дифоъ пешниход кардан мумкин аст.

Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Шуъбаи синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад;

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайъи муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино» мутахассисони зерин, ки корхои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 00.09.03 – Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад, таъйин карда шаванд:

1. Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи ак. М. Осимӣ;

2. Султонзода Соқӣ Аслон – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълимии забони фаронсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чоп намудани автореферати диссертатсия, пас аз таҳрир иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои фалсафа, профессор /____________/ Саид Н. С.

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Содиқӣ Н. Н.

доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Назариев Р.